Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-63 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (суроға: ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, E-mail: www.iutet.tj , info@iutet.tj)

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзуи: «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.26 - Маркетинг)

Таҳқиқоти анҷомдодаи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким ба яке аз масъалаҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти аграрӣ – такмили идоракунии фаъолияти маркетингӣ бахшида шудааст. Интихоби мавзӯъ бо зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, мутобиқшавии онҳо ба талаботи бозор ва рушди муносибатҳои рақобатӣ асоснок мебошад.

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявии маркетинг ва агромаркетинг ҷамъбаст гардида, вазъи рушди фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба таҳлил шудааст. Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда муаллиф роҳҳои такмили механизми идоракунии фаъолияти маркетингӣ ва истифодаи воситаҳои муосири маркетингиро пешниҳод намудааст.

Арзиши илмии таҳқиқот дар асоснок намудани равишҳои нави ташаккули низоми маркетинг дар соҳаи кишоварзӣ, такмили асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии фаъолияти маркетингӣ, инчунин таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидории бахши аграрӣ ифода меёбад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки тавсияҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти соҳавӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, инчунин субъектҳои хоҷагидории бахши аграрӣ барои такмили сиёсати маркетингӣ, рушди бозори маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва такмили механизми идоракунии фаъолияти маркетингӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Муаллиф дар рафти таҳқиқот аз сарчашмаҳои илмӣ, санадҳои меъёрӣ ва маълумоти оморӣ васеъ истифода намуда, хулосаҳои илмии худро бо далелҳои кофӣ асоснок кардааст.

Ҳамзамон, мақсаднок мебуд, ки дар таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои дорои низоми пешрафтаи агромаркетинг ва масъалаҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ, маркетинги электронӣ ва платформаҳои рақамии фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ васеътар инъикос мегардиданд.

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва арзиши амалии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Аз ин рӯ, автореферати диссертатсияи Азиззода Маҳваш Абдулҳаким ба талаботи муқарраргардидаи диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг) мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
директори Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ Бобозода К. О.

Имзои Бобозода К. О.-ро тасдиқ менамоям:

Инспектори калон оид ба кадрҳои
Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ Махсудшоева З.Д.

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи С.Айнӣ 267.
Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65. Факс: +992 (37) 221-67-50. Email: info@ied.tj